Тавзеҳнома
ба лоиҳаи “Тартиби таҳия ва мухлати пешниҳоди ҳисоботҳои молиявии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)”

Лоиҳаи “Тартиби таҳия ва пешниҳоди ҳисоботҳои молиявии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)” (минбаъд – Тартиб) дар асоси қисми 2 моддаи 29² Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ” бо мақсади нигоҳ доштани низоми устувори суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии суғурташавандагон, шахсони суғурташуда ва фоидагирандагон таҳия гардидааст.

Тибқи талаботи қисми 2 моддаи 29² Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ” (бо назардошти тағйиру иловаҳои бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ” аз 01 марти соли 2024, №2045 воридгардида) бо мақсади танзим ва назорати фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) ва ҷамъиятҳои суғуртаи мутақобила, мақоми назорати суғуртавӣ бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии худ феҳристи ҳисобот, шаклҳо, тартиби таҳия ва мухлати пешниҳоди ҳисоботҳои молиявиро муқаррар менамояд.

Ҷиҳати ба роҳ мондани тартиби таҳия ва пешниҳоди ҳисоботҳои молиявии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ), инчунин мутобиқ гардонидани фаъолияти онҳо ба Стандартҳои Байналмилалии Ҳисоботҳои Молиявӣ, Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми назорати суғуртавӣ лоиҳаи Тартиби мазкурро бо мақсадҳои зерин таҳия намудааст:

- асос барои таҳия ва пешниҳоди ҳисоботҳои молиявии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ);
- ба Стандартҳои Байналмилалии Ҳисоботҳои Молиявӣ мутобиқ намудани раванди баҳисобгирии муҳосибӣ;
- мукаммал намудани инфрасохтори бозори суғурта;
- нигоҳ доштани низоми устувори суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- шаффоф ва саҳеҳ гардидани раванди ҳисоботдиҳии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ);

- амалишавии талаботи моддаи $29^2$ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ”.

Тибқи “Тартиби гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидоштаи вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва лоиҳаҳои онҳо, арзёбии дохилиидоравии зиддикоррупсионии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03 июни соли 2014, №355 тасдиқ шудааст, нисбати лоиҳаи мазкур арзёбии дохилиидоравии зиддикоррупсионӣ гузаронида шуда, дар он омилҳои бавуҷудоварандаи хусусияти коррупсионидошта мушоҳида нагардидааст.

Қабули лоиҳаи Тартиби мазкур маблағгузориро аз буҷети давлатӣ талаб намекунад ва қабули он дар давраи амалисозии ислоҳот дар низоми суғуртаи кишвар ба мақсад мувофиқ мебошад.

Муовини раис Икромӣ С. С.